26.12.2016 09:40



Чанде пеш дар толори Вазорати мудофиа чаласа оид ба натичаи чамъбасти фаъолияти ин ниходи кудратӣ баргузор гардид. Дар чаласа Котиби Шӯрои амнияти Чумхурӣ Абдурахим Кахоров, вазири мудофиа, Сарпрокуратураи харбӣ, масъулини Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, хайатхои рохбариву фармондехии навъи кӯшунхо, комиссарони харбӣ, командирони кисмхои низомӣ ва дигар шахсони дахлдор иштирок намуданд.

Дар чараёни баргузории чаласа нахуст муовинони вазири мудофиа ва дигар масъулини ин ниходи кудратӣ дар самтхои гуногуни фаъолияти раёсату хадамоти Дастгохи марказии Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Куввахои Мусаллах, навъи кӯшунхо, муассисахои таълимии харбӣ ва дигар чузъу томхои зертобеи худ хисобот доданд.

Ичрои талаботи дастуру супоришхои Раиси Шӯрои амнияти мамлакат, Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон зимни суханронии Котиби Шӯрои амният мавриди баррасӣ карор гирифт.



Тавре таъкид карда шуд, фаъолияти сохторхои низомӣ ва макомоти хифзи хукук дар самти таъмини амнияти давлат ва мардуми кишвар, волоияти конун ва тартиботи чамъиятӣ, доимо тахти назорати доимии Президенти Чумхурии Точикистон карор дошта, амалӣ намудани тадбирхои судманд дар ин самт талаби котеонаи Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах ва карзи фарзандии мо мухофизони Ватан дар назди халку давлат махсуб меёбад.

Хамзамон, сарпрокурори харбӣ Сафаралӣ Мирзозода низ дар навбати худ вобаста ба вазъи чинояту конуншиканихо ва омилхои боисшаванда ба он маърӯза карда, изхор дошт, ки пурзур намудани интизоми харбӣ, риояи конунияту тартиботи хукукӣ, баланд бардоштани маърифати хукукии хизматчиёни харбӣ аз хар яки мо масъулияти баландро дар ичрои вазифаву ухдадорихои хизматӣ такозо мекунад. Зимни анчоми чаласа кисмхои харбие, ки дар соли равон аз худ дар самти риояи хама талаботи хизмат бартарияти чиддӣ нишон дода буданд, бо Байраки сайёри Вазорати мудофиа сарфароз гардонида шуданд.





Лозим ба ёддоварист, ки Байраки сайёри Вазорати мудофиаро танхо баталион, полк, бригада ва навъи кӯшунхо сохиб мегарданд, ки аз хама пешсафанд ё худ натичаи фаъолияташон нисбат ба дигар кисмхои харбӣ хеле баланд аст. Яъне онхо голибони мусобикаи умумумихарбӣ дар Куввахои Мусаллах махсуб меёбанд.

**Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**